**ПРОТОКОЛИ №134-КЭ**

**ҷаласаи якдафъаинаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

аз 14 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар**

**Раиси шуро:** Сафаров Ш.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 14 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2026, №199/хя тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ Сафаров Ш.А., котиби илмии шуро Муҳиддинзода Б., аъзоёи шурои диссертатсионӣ Иматзода Л.М. ва Ҳоҷиматова Г.М.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
- доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.;
- доктори илмҳои педагогӣ Шербоев С.;
- номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова